МАРТИ 2025 | №4

# МИСОЛҲОИ МУВАФФАҚИЯТ ДАР МУТОБИҚШАВӢ БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ДАР СОҲАҲОИ КИШОВАРЗӢ ВА ОБ

*БЮЛЛЕТЕН*




***Иштирокчиёни семинари тағйирёбии иқлим дар н. Рӯдакӣ***

Тағйирёбии иқлим таъсири назаррас ба муҳити зист, иқтисод ва ҷомеа дорад, ки ба ҳодисаҳои вобаста ба боду ҳаво, зарарҳои иқтисодӣ ва нобаробариҳои иҷтимоӣ оварда мерасонад. Тадбирҳои мутобиқшавӣ барои ҳимояи ҳаёт ва рӯзгор, беҳтар намудани тобоварӣ ва бартараф намудани таҳдидҳо ба қишрҳои осебпазири ҷомеа аҳамияти калон доранд.

Нақшаи миллии мутобиқшавӣ (НММ) як чорчӯбаи муҳим барои арзёбии осебпазирӣ, муайян намудани ҳадафҳои равшан ва возеҳ, таҳия ва татбиқи стратегияҳо ва мониторинги равандҳоро пешниҳод менамояд.

Бо ҷалби ҷонибҳои манфиатдор ва афзалиятбандии секторҳои таъсирпазир, НММ дар таъмини самаранокӣ ва фарогирии тадбирҳо кӯмак мерасонад, ки дар ниҳоят барои нигоҳ доштани сарчашмаҳо ва таъмини ояндаи устувор дар шароити тағйирёбии иқлим саҳм мегузорад.

Бо дарназардошти масъалаҳои болозикр, фаолиятҳои гуногун ҷиҳати кӯмак ба раванди тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ, аз тарафи зерлоиҳаи “Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон” (БСООТИ)-и лоиҳаи “Мусоидат ба раванди банақшагирии самараноки мутобиқшавӣ (НММ) барои Тоҷикистон”-и Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ), ки аз ҷониби Фонди Иқлими Сабз (ФИС) маблағгузорӣ мешавад, дар ҳамкорӣ бо Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияҳои гуногун амалӣ мегарданд.

## *Семинарҳои омӯзишӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар шаҳру ноҳияҳо*

Дувоздаҳ семинари омӯзишӣ дар мавзӯи “Мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим” дар чорчӯбаи фаолиятҳои “БСООТИ” дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон баргузор гардид. Ҳадафу мақсади асосии семинарҳо баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба масъалаҳои гуногуни тағйирёбии иқлим дар маҳалҳо алалхусус, дар байни мансабдорони давлатӣ, намояндагони бахши хусусӣ, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа буд.

Семинарҳо дар дувоздаҳ шаҳру ноҳияи Тоҷикистон: Мастчоҳ, Ҷаббор Расулов, Бобоҷон Ғафуров, Истаравшан, Зафаробод, Варзоб, Ҳисор, Шаҳринав, Турсунзода, Ваҳдат, Рудакӣ ва Ёвон баргузор шуданд. Дар семинарҳо 298 нафар  ширкат карданд, ки 125 нафари онҳоро занон ва 173 нафари онҳоро мардон ташкил доданд. Иштирокчиён аз соҳаҳои гуногун: хоҷагии об, кишоварзӣ, ҷангал, энергетика, нақлиёт, саноат, ҷавонон, занон ва одамони имкониятașон маҳдуд, буданд.

Дар семинарҳо аз усулҳои омӯзишии интерактивӣ, ба монанди корҳои гурӯҳӣ, таҳлили иқлимӣ, арзёбии осебпазирӣ ва намоиши видеоҳои таълимӣ истифода шуд. Иштирокчиён оид ба мушкилиҳои мушаххаси вобаста ба иқлим дар минтақаҳои худ ва роҳи ҳалҳои ба соҳаи худ мувофиқро пешниҳод намуданд. Саволномаҳо пеш ва пас аз омӯзиш ҷиҳати муайян намудани сатҳи огоҳӣ ва мизони истифода аз семинарҳо аз тарафи иштирокчиён пур карда шуданд. Таҳлили саволномаҳо нишон дод, ки иштирокчиён дар бораи газҳои гулхонаӣ, сабабҳои тағйирёбии иқлим ва аҳамияти кишоварзии тобовар ва истифодаи дурусту мақсадноки об дониши назаррас касб намуданд.

Семинарҳо масъалаҳои муҳим, ба монанди вазъияти ивазшавандаи обу ҳаво, камбуди об, талафоти маҳсулот, харобшавии зерсохторҳоро баррасӣ карданд. Иштирокчиён зимни чорабиниҳо роҳҳои ҳалли мувофиқ ба шароити маҳалли худ аз қабили зиёд кардани ҷангалзорҳо, беҳтар кардани низоми обёрӣ, қабул кардани барнома ва стратегияҳо барои энергияи таҷдидшаванда ва навъҳои хосси кишоварзии алтернативиро пешниҳод карданд. Бисёре аз иштирокчиён назарияҳои нави мутобиқшавӣ ва роҳу усулҳои таомул бо гармшавии иқлимро, ки аз тарафи баргузоркунандагони семинарҳо ва тренерҳо садо дод, хуш пазируфта изҳори омодагӣ намуданд, ки дар фаолиятҳои минбаъдаи худ дар ҷамоату муассисаҳои маҳаллӣ аз он кор гиранд.

Омӯзишҳо ба таври умум нақши муҳимеро дар баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар сатҳи маҳал ва пешниҳод намудани воситаҳо ва стратегияҳои амалӣ, иҷро намуданд. Ин ташаббусҳо дар татбиқи нақшаи миллии мутобиқшавӣ (НММ) ва тақвияти талошҳои гурӯҳӣ ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иқлимӣ муфид ва муассир мебошанд.

## МИСОЛҲОИ МУВАФФАҚИЯТ ДАР МУТОБИҚШАВӢ БА тағйирёбии иқлим



***Маҳмадуллозода Салима (рост) муовини раиси хоҷагии деҳқонии “Хазина”, ҷамоати Абдулвосиев ш. Ваҳдат.***

Хонум Маҳмадуллозода гуфт: “*Ман худам факултаи биологияи донишгоҳро хатм кардам, аз ин рӯ ба соҳаи кишоварзӣ хулоса ба табиат таваҷҷӯҳи хосса дорам. Деҳаи мо дар ҷамоати Абдулвосиеви шаҳри Ваҳдат дар болои теппа ҷойгир аст. Мардум солҳои сол аз набудани об азоб мекашанд ва имкони кишту кор надоранд. Солҳои 80-уми асри гузашта бобои шодравонам ба хотири пешбурди зиндагӣ барои санҷиш дар талу теппаҳои ба хонаамон наздик чанд токи ангур шинонданд. Баъди чанд сол токҳои ангур ҳосили хубу шаҳдбор доданд.*

*Аз ин рӯ бобоям дар 10 гектар заминҳои лалмии теппаҳо боғи ангур бунёд намуд. Акнун ангурпарварӣ барои хонаводаи мо манбаи асосии даромад гардид. Ҳоло дар ин боғ падарам, бародаронам ва чанд нафар занони деҳа кор мекунанд. Мо ҳама сола зиёда аз 100 тонна ангури хушсифат ҷамъ меоварем. Азбаски мо яхдон барои нигоҳдории ангур надорем, онро то моҳи декабр бо нархи арзон ба бозор мебарорем.*

*Вақте ки семинар дар бораи тағирёбии иқлимро шунидам, хоҳиши иштирок карданро намудам. Чунки барои ман донистани роҳҳои мутобиқшавӣ ба тағирёбии иқлим хело зарур аст.*

*Се сол пеш аз рӯзҳои сарди баҳорӣ 70 фоизи токҳои боғи ангури моро сармо зад ва оилаи мо як сол аз даромад маҳрум шуд. Мо боз токҳои нав шинонидем, акнун зимистон навдаҳои онро зери хок мекунем, чунки намедонем, чӣ баҳоре моро интизор аст.*

*Ғайр аз гандуму ангур дигар аз беобӣ дар заминҳои лалмии мо чизе намерӯяд, мардуми деҳаи мо ба кишти гандум низ таваҷҷӯҳ доранд. Солҳои пеш ҳосили гандум низ хуб набуд, вале як созмони байналхалқӣ ба мардум тухмии хушсифати ба иқлими гарми ҳозира мутобиқро тақсим кард ва панҷ соли охир ҳосили хуби гандум мегирем. Мо бояд барои таъмини амнияти озуқаворӣ ҳарчи тезтар ба мардум дар бораи роҳҳои мутобиқшавӣ ба тағирёбии иқлимро омӯзонем. Ман пешниҳод мекардам, ки бо занҳое, ки бевосита бо замин сару кор доранд, сӯҳбату омӯзишҳо бештар гузаронида шавад”.*

## Таъсири тағйирёбии иқлимро дар соҳаи об пурра дарк накардаем.




***Набиев Рустам (чап) раиси Ассосиатсияи истифодабарангони оби “Тезгари поён” аз деҳаи Тезгари поён – и ноҳияи Рудакӣ***

Ҷаноби Набиев гуфт: *“Ман доир ба тағирёбии иқлим то андозае маълумот доштам, вале дар семинари омӯзишии имрӯза дониши худро бахусус дар самти мутобиқшавӣ васеътар кардам. Ман ҳамеша дар байни мардум кор мекунам, онҳоро ҳамеша гармиҳои шадид, барфу боронҳои новақт, шамолу хокборишҳои зиёд ноороҳат мекунад. Дар маъракаҳое, ки мо мешинем мардҳои калонсол нақл мекунанд, ки солҳои пеш барфи зиёд меборид, ки ин барои замин хело фоида дошт. Ҳоло бошад, хело кам барф мебораd, ба ҷои он борону жолаҳои новақт дар охири баҳор зиёд шудааст, ки ин боиси талаф ёфтани ҳосили боғу зироатҳо мегардад.*

*Аз гуфти шахсони калонсол дар водии Ҳисор хокбориш қариб, ки набуд, ҳоло бошад аз моҳи май то зимистон ҳар ҳафта хокбориш мешавад, ки ин на танҳо ба соҳаи кишоварзӣ, балки ба саломатии мардум низ зарар мерасонад. Аз сӯҳбат бо аҳли деҳа маълум шуд, ки мардум ҳамаи мушкилиҳои ба боду ҳаво вобаста ва обро дар тағирёбии иқлим мебинанд, вале оид ба мутобиқшавӣ маълумот ва таҷрибаи камтар доранд.*

*Мардуми деҳаи мо барои мутобиқшавӣ дар соҳаи кишоварзӣ асосан аз усули бобоӣ истифода мебаранд. Заминҳои кишт ва боғҳоро яхоб мемонем, аз порӯ ва хокистар истифода мебарем. Албатта барои нест кардани ҳашаротҳо ва ҳосили хуб гирифтан аз доруҳои минералӣ ва заҳрхимикатҳо низ истифода мебарем. Инчунин мо ҳамасола дарахтҳои зиёде мешинонем, то онҳо дар гармиҳо соя афканад ва ҳам пеши роҳи селу хокборишро гирад.*

*Мардуми деҳаи мо даҳсолаи охир аз камии оби нӯшокӣ ва полезӣ танқисӣ мекашанд. Як сабаб кам шудани оби канал бошад, сабаби дигар зиёд шудани аҳолӣ ва таъсири худи мардум мебошад. Дар дарёи Кофарниҳон даҳҳо корхонаҳои регу шағал фаъолият мекунанд. Онҳо аз онҷо садҳо тонна регу шағал мебароранд, ки сабаби камшавии об мешавад.*

*Оби дарё дар ҳамин кулҳо ҷамъ гардида, сатҳи оби дарёро паст мекунад, дар натиҷа дар каналу ҷӯйҳои деҳот об намеравад. Чанд сол боз дар моҳи июл вақти ҳосилбандии зироатҳо оби полезӣ ба деҳот намеояд, ва ҳосили ба меҳнат парвардаи мардум талаф мeёбад. Аз ин рӯ бо масъулини соҳаҳо ва ҳам мардум зиёд бояд кор кард, чунки онҳо то ҳол ҷиддияти таъсири тағирёбии иқлимро дарк накардаанд”.*

***Хулоса:*** Кишоварзӣ дар деҳаҳо дар мисоли ҷамоати шаҳри Ваҳдат ва Рӯдакӣ бо мушкили камобӣ ва таъсири тағйирёбии иқлим дучор аст. Мардумони деҳа ташаббусҳои зиёдеро барои рушди кишоварзӣ ва дастрасӣ ба об рӯйи даст мегиранд. Парвариши ангур ва кишт кардани гандум, ки иқдомҳои анъанавии бобоӣ ҳастанд. Кишоварзӣ манбаи асосии даромади оилаҳост, вале сармо ва дигар тағйирёбии иқлим ҳосили заҳмати онҳоро бо хатар рӯ ба рӯ кардааст. Мардум кӯшиш мекунанд, бо фаро гирифтани омӯзиши усулҳои мутобиқшавӣ ба ин тағйирот, бо хатарҳо мубориза баранд.

Дар ҳоли ҳозир мардумони деҳаҳо дар мубориза бо душвориҳои тағйирёбии иқлим ва чолишҳои гармшавии ҳаво аз усулҳои анъанавӣ кор мегиранд, вале дар даҳсолаи охир дучори таҳдидҳои нав шуда, оби каналҳо ва боришот кам гардида, ниёзи шадид ба роҳу усулҳои наву муосир ба вуҷуд омадааст.

Мардум ба таҳқиқот ва таҷрибаҳои нав ниёз доранд, то дарк кунанд, ки чӣ гуна метавонанд бо таъсири тағйирёбии иқлим мубориза баранд. Инчунин, онҳо бояд бо масъулон ҳамкорӣ кунанд, то муаммоҳои оби нӯшокӣ ва полезиро ҳал кунанд ва таъмини амнияти озуқаворииро беҳтар созанд.

## ТАВСИЯҲО

1. ***Баргузор намудани омӯзишҳо ва баланд бардоштани сатҳи маърифати мардум:*** Баргузории семинарҳо дар бораи тағйирёбии иқлим ва роҳҳои мутобиқшавӣ, махсусан барои занон ва кишоварзон ба роҳ монда шавад, то онҳо бо усулҳои нави кишоварзӣ беҳтар шинос шаванд.
2. ***Шиносшавӣ бо ташаббусҳои нави кишоварзӣ:*** Ташкили гурӯҳҳои корӣ аз ҳисоби кишоварзон барои мубодилаи таҷриба ва маълумот оид ба усулҳои самараноки кишт, ба монанди шинондани навъҳои табиии гиёҳҳо, ки ба иқлими гуногун мутобиқ ва тобовар мебошанд.
3. ***Истифодаи технология ва воситаҳои муосир:*** Дуруст истифода бурдан аз технология, воситаҳои муосир ва замин ҷиҳати беҳтар кардани ҳосил ва таъмини самараноки оби полезӣ.
4. ***Нигоҳдорӣ ва рушди манобеи об:*** Ташкили лоиҳаҳои ҳифз ва нигоҳдории манобеи об, ба шумули таҷдиди системаҳои обёрӣ ва истифодаи оби борон барои кишоварзӣ.
5. ***Паёмрасонӣ ва ҷалби ҷомеа:*** Тарҳрезии маъракаҳои иттилоотӣ барои баланд бардоштани огоҳии ҷамоат дар бораи таъсири тағйирёбии иқлим ва аҳамияти мутобиқшавӣ бо тамаркузи вижа ба ҷавонон.
6. ***Масъулияти давлатии соҳаи кишоварзӣ:*** Дархост барои дастгирии сиёсати давлатӣ, ки кӯмакҳои молиявӣ ва техникӣ барои кишоварзон ва лоиҳаҳои саноатии соҳаи кишоварзӣ фароҳам меоранд.
7. ***Таҳқиқи навъҳои зудпаз ва тобовар ба хатар:*** Пешбурди тадқиқот дар бораи навъҳои гандум ва токи ангур, ки ба шароити иқлими маҳаллӣ мутобиқ ва дар таъмини амнияти озуқаворӣ кумак мерасонанд.
8. ***Системаи мониторинг:*** Ташкили системаи мониторинг ва таҳлили таъсироти боду ҳаво бар кишоварзӣ, то ҳамаи тағйирот ва амалҳои марбут ба мутобиқшавӣ ба таври мунтазам таҳлилу баррасӣ шаванд.



***Семинари тағйиёрбии иқлим дар н. Ваҳдат***



***Семинари тағйиёрбии иқлим дар н. Ваҳдат***



***Семинари тағйиёрбии иқлим дар н. Рӯдакӣ***


***Семинари тағйиёрбии иқлим дар н. Рӯдакӣ***

***БРСММ ташкилоти пешбари Созмони Милали Муттаҳид мебошад, ки барои хотима додан ба камбизоатӣ, нобаробарӣ ва тағйирёбии иқлим талош мекунад. Бо шабакаи васеи коршиносон ва шарикони рушд, мо дар 170 кишвари ҷаҳон фаъолият мекунем, то ки ба кишварҳо дар таҳияи қарорҳои ҳамгирошуда ва пойдор ба нафъи башарияту сайёра кӯмак расонем.***

***Барои маълумоти бештар моро дар сомонаи undp.org ё @UNDP пайгирӣ кунед.***